«Тасдиқ мекунам»
Президенти Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Фарҳод Раҳимӣ
____________________
«02»___09___ соли 2023

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

**ба диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забонҳои хориҷии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Раҳмонова Дилрабо Искандаровна соли 2006 факултети филологияи англисии Донишгоҳи давлатии Кӯлобро хатм карда, дорандаи дипломи аз рӯйи ихтисоси “филолог, муаллимаи забони англисӣ” гаштааст. Аз соли 2016 то ин ҷониб ассистенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷӣ дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода фаъолият дорад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба унвонҷӯ дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Раҳмонова Наргис Шарифовна доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардидааст.

Раҳмонова Дилрабо Искандаровна ба ҳайси унвонҷӯ аз 21 январи соли 2021 унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар ҷаласаи Шурои олимони кафедраи забонҳои хориҷии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2021, тахти № 2 тасдиқ намудааст.

Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забонҳои

хориҷии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чунин хулоса бароварда шуд:

Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба таҳқиқи пурраи роҳу омилҳо, тобишу воситаҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳисоб рафта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Ҳадафи таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои грамматикӣ, семантикӣ ва маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва англисӣ, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшавада, ҳамчунин нишон додани таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшавандаи мазкур чун низоми яклухт мебошад. Вобаста ба ин вазифаҳои таҳқиқро ба таври зерин метавон бозгӯ намуд:

1. Баррасии вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар ҷумлаҳои тобеъ дар забонҳои қиёсшаванда

2. Гурӯҳбандии маъноии ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда.

3.Таъйин намудани ҷой ва мақоми ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда.

4. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда ва аниқ намудани муносибати забонии онҳо дар забонҳои қиёсшаванда.

5. Нишон додани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби забонҳои қиёсшаванда.

**Навгонии таҳқиқот.** Зарурияти интихоби мавзуъ аз навгониҳои таҳқиқот маҳсуб меёбад, чунки таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик бо таълифи китобҳои дарсӣ баробар шуруъ гардида, то солҳои 60-уми асри XX, асосан, аз рӯйи меъёри анъанавӣ – ҷумлаҳои пайрав қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода, омӯхта мешуд. Масалан, дар нахустин китоби дарсии нисбатан мукаммали забони тоҷикӣ, ки аз тарафи М. Беленитский ва Б. Ҳоҷизода тартиб дода шуда буд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ**. Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забоншиносии тоҷик ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам аҳаммияти амалӣ дорад. Аҳаммияти назариявии онро ба таври зерин метавон муайян кард:

1.Таҳқиқи мавзуи мазкур метавонад дар роҳи омӯзиши муқоисавӣ ва ҷамъбасти илмии масоили наҳвшиносӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати

илмӣ хизмат кунад.

2.Омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, ки ин ҷумлаҳо таърихи қадима доранд, дар бобати муайян намудани як қатор масъалаҳои марбут ба таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик, бахусус давраҳои алоҳидаи тараққиёти он, ҷанбаҳои он, ки калимаҳои ҳамнисбат, фақат мавқеи наҳвиро ишғол мекунад ва бе ҷумлаи пайрави эзоҳдиҳанда ифода намешаванд, қолабҳои ҷумласозӣ ва қабатҳои сохтории он аҳаммияти калон пайдо мекунанд.

3.Натиҷагирӣ аз мавзуи таҳқиқшаванда дар омӯзиши масъалаҳои наҳви таърихии забони тоҷикӣ, хусусан, аниқ намудани меъёрҳои сохторӣ-маъноии омӯзиши роҳҳои иқтибоси онҳо аз дигар забонҳо.

4. Таҳлили наҳвӣ дар системаи сохти забонҳои омӯхташаванда аз омилҳои ифодаи фикр баҳс мекунад, аз ҷиҳати сохту таркиб, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳояшон воситаи ифодаи муносибати онҳо ва мавқеи онҳоро ифода мекунад.

5.Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда имкон медиҳад, ки аз қонунияти таърихии пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули наҳв дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, омилҳои ба низом даромадани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунада ва асосҳои илмии он зимни таҳлили гурӯҳҳои мавзуӣ дар маҷмуъ дуруст натиҷагирӣ карда шавад.

6. Муайян намудани муносибатҳои маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои таркибии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда имкон фароҳам меорад, ки он бисёр хусусиятҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик ошкор шавад.

7. Баррасии тобишҳои маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

8. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда вобаста ба навъҳои худи ҷумлаи мураккаб хеле гуногунанд. Бинобар он, гурӯҳбандии онҳо аз нигоҳи грамматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ айни мудао хоҳад буд.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар инҳо зоҳир мегардад:

1.Натиҷаҳои таҳқиқ, ки мо дар рафти пажуҳиши мавзуи мазкур ба даст овардем, метавонанд дар омӯзиши илмии масъалаҳои гуногуни наҳвшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар маҷмӯъ истифода шаванд.

2. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда роҳу омилҳои махсуси пайдоишу афзоиши худро доранд. Аз ин рӯ, маводи андӯхтаи мо, ки дар диссертатсия хеле фаровон аст, барои муайян намудани ин омилҳо аз нигоҳи илмӣ кӯмак мерасонад.

3.Маводи таҳқиқшуда дар мавриди таълими курси махсус аз

бахши наҳв дар макотиби олӣ, таълими фанни забонҳои муосири баррасишаванда, грамматикаи муосир ба мутахассисон ёрӣ мерасонад.

4. Мавқеи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар ҷумлаи мураккаб, ки дар диссертатсия муайян карда шудааст, дар таркиби ҷумлаҳои сертаркиби забони тоҷикӣ ва муодилҳои онҳо дар забони англисӣ аҳаммияти калон пайдо мекунад.

5. Маводи диссертатсия дар китобҳои дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ ва забонҳои қиёсшаванда метавонад истифода шавад.

6. Диссертатсияи мазкур ба устодони риштаи филология, ки дар мактабҳои оливу таҳсилоти ҳамагонӣ кор мекунанд, низ аз нигоҳи амалӣ муфид аст.

7. Дар мавриди иншои боби грамматика, хусусан бахши наҳви китобҳои дарсӣ барои мактабҳои оливу мактабҳои миёна аз маводи ин диссертатсия истифода намудан мумкин аст.

8. Забоншиносони забонҳои қиёсшаванда имкон доранд, ки аз маводи диссертатсия дар хондани лексияҳо ва гузаронидани курсҳои истифода баранд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, бунёди назариявӣ ва методи таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои ба хдшоя пешниҳодшавандаи диссертатсия баррасӣ мегардад, ки ба талаботи ҳамин гуна корҳо пурра ҷавобгӯ аст.

**Боби якум** – «**Заминаҳои назариявӣ ва омӯзиши ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» унвон дошта, он аз се фасл иборат аст. Мундариҷаи фаслҳои боби мазкурро асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шуда, дараҷаи корбурди онҳо дар осори мансур ва манзум устод С. Айнӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

**Боби дуюм** – «**Вижагиҳои қиёсии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда**» номгузорӣ шуда, аз чор фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои боб ҷойи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаб тобеъ бо пайрави муайянкунанда ва таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда мавриди таҳлил қарор мегиранд.

**Боби сеюм** бо унвони «**Таҳлили сохтори маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда** » номгузорӣ шудааст ва аз чор фасл таркиб ёфта, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ ва ҳамгунҳои онҳо дар забони англисӣ таҳлил мегардад.

Ҳар як бобро муҳақиқ бо хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст намудааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсия дода шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии забоншиносӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Хулоса ва тавсияҳои илмии диссертатсия барои омӯзиши амалии забони англисӣ, тарҷумаи матнҳои сленгӣ барои тарҷумонҳо хизмат карда метавонад.

**Тавсифи амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати беандозаи муҳаққиқ маҳсуб ёфта, мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва зиёда аз 6 мақолаи дигар дар ҳамоишу конфронсҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ба таҳқиқоти илмии забоншиносии муосир такя карда, дар он аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ - методи тахдил, методи муқоисавӣ, ҳамгироии методҳои низомӣ, методи таҳлили миқдорӣ ва семантикӣ, таснифоти луғавӣ истифода карда шудааст. Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад. Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақола рӯйи чоп омаданд, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

1. **Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**


**[1-М]** Раҳмонова Д.И. Муайянкунандаи изофӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи осори тарҷумаи устод С. Айнӣ) Д.И.Раҳмоной// ВЕСТНИК Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава (Серия гуманитарных и экономических наук) Бохтар-2021. -№1/2(86).-с 38-42.ISSN 2663-5534;

**[2-М]** Рахмоновой Д.И. Место сложноподчененные предложений с придаточными определительными в таджикском и английском языке/ Д.И .Рахмоновой // ДОКЛАДЫ АКАДЕМИЯ НАЦИОНАЛЬНАЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА(отдел общественных наук)– Душанбе,2022.-№ 2(014) –с. 207-213. ISSN 2076-2569;

**[3-М]** Рахмоновой Д.И. Анализ некоторых смысловых оттенков придаточных определительных предложений. /Д.И .Рахмоновой // ДОКЛАДЫ АКАДЕМИЯ НАЦИОНАЛЬНАЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА (отдел общественных наук)– Душанбе,2022.-№ 2(014) –с. 207-213. ISSN 2076-2569;

**[4-М]** Раҳмонова Д.И. Вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ

бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/ Н.Ш. Раҳмонова, Д.И. Раҳмонова // Ахбори Акдемияи милии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои гуманитарӣ)– Душанбе, 2023. - № 4(273) – с. 255-266. ISSN 2076-2569.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[1-М]** Раҳмонова Д.И. Навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Конференсияи байналмиллалии илмӣ амалӣ дар мавзуи" Роль изучения иностранных языков в укреплении международных коммунаникаций. МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода", 25 ноябри соли 2021

**[2-М]** Раҳмонова Д.И. Тобишҳои маънои ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар асоси осори насрии С. Айнӣ. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати профессорону устодон, кормандон, магистрон, ва дониҷӯёни МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, 18 апрели соли 2022

**[3-М]** Раҳмонова Д.И. Гурӯҳбандии таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони тоҷикӣ ва ҳамгуниҳои онҳо дар забони англисӣ // Конференсияи байналмиллалии илмӣ амалӣ дар мавзуи "Таъсири забонҳои хориҷӣ ба фарҳанги миллӣ МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, 27 майи соли 2022

**[4-М]** Раҳмонова Д.И. Актуальные проблемы преподавания русского языка иностранного языка за рубежом (на примере СПП в системе синтаксиса). // Межвузовской научно-проктической конференции с международным участием "Линговометодические аспекты профессионально ориенированного обучения иностранным языкам в неязыковом вузе : традиции и нинновации. – Барнаул, 30.11.2023.

**[5-М]** Раҳмонова Д.И. Новые государственные программы развития языков и их полититка в управлении организациями и предприятиями // Конференсияи ҷумҳурияии илмӣ амалӣ дар мавзуи "Аҳамияти омӯзиш ва такмили забонҳои хориҷӣ барои хизмачиёни давлати, роҳбарону ташкилоту корхонаҳо дар шароити тағйирёбии равандҳои сиёсӣ" бахшида ба "Эълон гардидани соли 2023 Соли забони русӣ"/ Академияи идоракунии давлатии назди президенти ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 24.02.2023.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи "**Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)**" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва

мебошад.

2. Диссератсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи **"Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.

3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

4. Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна кори илмии баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедари забонҳои хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон "02 сентябри соли 2023" суратҷаласаи № 1 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 8 нафар омӯзгорони кафедра иштирок доштанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**" тарафдор"–8 нафар, "муқобил"–нест, "бетараф" – нест.

Раискунанда, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи забонҳои
хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович

Лабаранти калони кафедраи
забонҳои хориҷии назди Раёсати
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Раджабекова Назарбегим Муродмамадовна

Имзоҳои Насруддинов С.М.
ва Раджабекова Н.М.- ро тасдиқ
мекунам. Мудири шуъбаи кадрҳои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Муродова Матлуба Рахмоновна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33,
E-mail: nasruddinov.sirojiddin@gmail.com
Тел: (+992 37) 2 27 84 97
Тел. моб: (+992) 918 10-14-48